**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии**

**Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна**

**дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси (10.01.01. – Адабиёти тоҷик)**

Дар адабиёти муосири тоҷик суханваре кам пайдо мешавад, ки баробари Нависандаи халқии Тоҷикистон Сорбон ҳикояву повест ва роман навишта бошад. Ин адиби пуркор бо сабку шеваи хоси худ ба майдони адабиёт омада, муҳимтарин ҳодисаҳои дар қарни XX ва ибтидои асри XXI рухдодаро бо коркардҳои хоси нигорандагӣ ба зевари бадеият кашидааст. Ба аҳли адаб маълум аст, ки дар оғози қаламкашӣ гоҳо ибтикороти ҳунарии Сорбон, ки ҳамсону ҳамранги қонунмандиҳои ҷараёни адабии давр наменамуд, аз тарафи суханварони номӣ мавриди танқид ҳам қарор гирифт, вале адиб услубу мақсади ягонаи эҷодии худро ҳифз намуда, ҳамеша саъй кард, ки образҳои, ба истилоҳ, сирф миллиро биёфарад ва, асосан, ба бозгӯиву баррасии бадеии чеҳраҳои милливу тоҷикона пардозад.

Ба Сорбон муяссар гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ низ ба муваффақиятҳои эҷодиву ҳунарӣ ноил шуда, як даста ҳикояву повест ва роман иншо намояд ва, дар баробари сужетҳои марбут ба асри гузашта, воқеаҳои дар ин марҳалаи таърихӣ ба амал пайвастаро мавзуи осори ҳамосавии хеш қарор диҳад.

Бо назардошти ҳамин марҳалаи пурбори эҷодии Сорбон муҳаққиқ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна хусусиятҳои ғоявию бадеии осори нависандаи мазкурро мавзуи тадқиқот интихоб намуда, ба анҷоми рисолаи илмӣ муваффақ гардидааст, ки ҳосили ковишҳои олимонаи ӯ аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборатанд.

Дар муқаддима кӯшиш бар он рафтааст, ки муҳимму мубрам будани мавзуи пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети тадқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия ва дигар нукоти марбут ба он бар мабнои осори дар даврони соҳибистиқлолӣ эҷоднамудаи Сорбон ва андешаҳои адабиётшиносон арзёбӣ гарданд.

Боби аввали рисола «Вежагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони Истиқлол» ном дошта, масоили ахлоқу иҷтимоиёт, вазъи рӯзгори ҳамзамонон ва тасвири симои зани тоҷик дар таълифоти бадеии нависанда, дар се фасли ҷудогона, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола ин ҷанбаҳои мавзуии насри Сорбонро бо овардани якчанд намунаи муносиб аз асарҳои ӯ таҳлил намуда, гоҳо мундариҷаву муҳтавои онҳоро бо осори қаламкашони дигар муқоиса кардааст. Ин матлабро муқоисаи кирдору мароми зиндагонии персоңажи ҳикояи «Пули заррин» – Алибекбой бо образи асосии асари устод Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» – Қорӣ Исмат ба субут мерасонад (саҳ.13).

Дар канори ин, аз боби аввали рисола шуруъ карда, унвонҷӯ аз афкори илмии адабиётшиносону адибони маъруфи ватаниву хориҷӣ маънӣ бардошта, тозакориҳои Сорбонро бо таҷрибаҳои эҷодӣ ва равиши хоси чеҳрасозиву сужетофаринии суханварони шинохтаи милливу ҷаҳонӣ муқоиса менамояд.

Ба таври умумӣ, боби аввалро метавон як навъ муаррифиномаи осори дар замони соҳибистиқлолӣ эҷодкардаи Сорбон номид, зеро Муҳаммадохирова Ҳ.И. дар ин бахши рисола мухтасари мундариҷа ва муҳтавои ҳикояҳову повестҳо ва романҳои адибро ташреҳ дода, сохтору мазмун ва мавзуоти онҳоро бо асарҳои дар замони шуравӣ навиштаи нависанда муқоиса менамояд. Нерумандии ҷанбаи қиёсии ду марҳалаи фаъолияти нигорандагии Сорбон дар боби якуми диссертатсия ба дастабандии мавзуӣ, ки ин ҷо хеле резакорона сурат гирифтааст, марбут аст.

Бозёфти рисоланавис дар боби нахустини рисола, пеш аз ҳама, кашфи иқтидори эҷодии Сорбон аст, ки ӯ дар ҳарду давраи фаъолияти нависандагияш даҳҳо асар навишта, зиндагиву таомули тоҷикона ва бурду бохти халқи хешро дар образҳои муқтадир, собиру бурдбор, созандаву ободкор, худшиносу худогоҳ ва гоҳо симоҳои манфуру разил, худбохтаву ҷаҳонсӯхта бо тамоми ҷузъиёту назокати сухан тасвир намудааст.

Аз хилоли ҷустуҷӯҳои муаллифи рисола ин нуктаи зариф низ берун меояд, ки агар Сорбон дар повестҳои «Санги сипар», «Шинел», «Қумрӣ» ва дар чанд ҳикояву романаш фидокориҳои намояндагони халқи заҳматкаши шуравиро дар бунёди хоҷагиҳову ниҳодҳои давлатӣ тасвир намуда бошад, боз замон ба ӯ имкон дод, ки дар осораш, аз ҷумла романи «Зуза» сарнавишти онҳоеро, ки ҳосили меҳнати чанд даҳсола кашидаи халқро бар асари муҳити носолим, буҳрони иҷтимоиву ахлоқию сиёсӣ ва фитрати хабиси худ бар бод доданд, суратгарӣ намояд.

Боби дуюми диссертатсияи «Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони Истиқлол» унвон дошта, аз фаслҳои «Ҳунари нависандагии Сорбон дар инъикоси таърих», «Баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон» ва «Инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб» иборат аст.

Унвонҷӯ суханро дар фасли аввал аз таърихчаи омӯзиши осори таърихии Сорбон оғоз намуда, аз мулоҳизаҳои адабиётшиносон А.Сайфуллоев, А.Сатторзода, Ҷ.Бақозода, А.Набавӣ, Н.Салимӣ, М.Хоҷаева, Б.Тилабов, Ш.Солеҳов, З.Ӯлмасова ва ноқидони дигар суд ҷуста, нуктаҳои аслии андешаҳои онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки Сорбон дар баъзе аз асарҳои худ воқеаҳои муайяну мушаххаси таърихӣ, мисли босмачигарӣ, таъсиси хоҷагиҳои коллективию давлатиро, ки замоне ба сарнавишту рӯзгори халқи тоҷик ё минтақаҳои гуногуни Осиёи Маркази кунунӣ таъсири амиқ доштанд, инчунин зиндагиномаву

корномаҳои чеҳраҳои таърихӣ, монанди Искандари Мақдунӣ, Спитамен, Нақибхони Туғрал ва симоҳои дигарро рӯйи коғаз овардааст.

Адабиёти бадеӣ дар ҳар давру замон шореҳи тавонманди ҷангу ҷидоли башарият буда, муҳимтарин сабабу ангезаҳои он ва ҳадафмандии тарафҳои даргир дар ҷустуҷӯҳои нависандагон ба зоҳир меоянд. Як бахши осори Сорбон ифодагари ҷангҳоест, ки бевосита ба таърихи мардуми тоҷик пайванд дорад. Муҳаққиқ Муҳаммадохирова Ҳ.И. дар заминаи ҳикояҳои «Рӯ ба рӯйи гӯристон», «Паймон», «Кӯрофтоб», «Чапағай», «Айби дандони фитода», «Суфрадузд», «Моҳиҳо нонреза мехӯранд», «Санги лағжон» ва «Бодбарак» санъати чеҳраофарии нависанда, шеваи тасвири хислату ҷаҳонбинии образҳову қаҳрамонҳо, таъсирпазирии персонажҳо аз замону муҳиту ҳамзамонон ва дигар ҷанбаҳои ҳусни нигориши Сорбонро тадқиқ намудааст.

Сорбон ҳаводиси сиёсии дар замони истиқлол рухдодаро беш аз дигар қаламкашон дар ҳикояҳо, қиссаи «Санам», китоби дуюми «Ҷӯгӣ», қисмати дуюми романи «Кадевар» ва романҳои «Шаҳрбону»-ю «Росу» тасвиргарӣ намудааст. Аз ин рӯ, унвонҷӯ паҳлуҳои гуногуни ифодаи бадеии ин воқеотро дар фасли ҷудогона баррасӣ намуда, ҷойгоҳи ин суханварро дар насри муосири тоҷик шоёну шоиста арзёбӣ кардааст.

Боби охирини пажӯҳиш «Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав» ном дошта, хусусиятҳои сабки нависанда дар эҷоди новелла, мавқеи тамсилу рамз дар осори ӯ, инчунин, услуби баёни ӯ дар се фасл тадқиқ гардидаанд.

Соҳиби таҳқиқот ёдрас мешавад, ки давраи дуюми эҷодиёти адиб ба замони соҳибистиқлолӣ рост омада, бо таълифи новелла ё ҳикояҳои хурд шуруъ мешавад. Ҳамзамон, ӯ баъди таҳлили чанд таълифоти ҳаҷман хурду муҷаз ба ин қарор мерасад, ки нависанда дар маҳдудаи жанрии чунин таълифоти бадеӣ низ маъниҳои барҷаставу ҳаводиси омӯзандаро ғунҷоиш додааст.

Дар ин қисмати тадқиқот рисоланавис бо овардани намунаҳо аз асарҳои Сорбон кӯшиш намудааст, ки доир ба забони баён, сабки нигориш, корбурди зарбулмасалу мақол, рамзорӣ ва тамсилсозиҳои ӯ мулоҳиза ронда, дар пасманзари розҳову орояҳо панаҳ гардидани садамаҳои иҷтимоиро равшан созад. Ҳайвоноту парандагони насри Сорбон низ дар баррасиҳои Муҳаммадохирова Ҳ.И. ҷойгузини инсонҳои гуногунсирату гуногунсурат ва гуногунмашрабанд, ки дар рангпазирии муҳиту фазои иҷтимоӣ саҳмгузоранд.

Хулосаи диссертатсия дар 11 банд иборат буда, ифодагари андешаҳои ҷамъбастии соҳиби он аст.

Дар маҷмуъ, рисола бозгӯи истиқлоли фикрии муаллиф буда, аз вусъати мутолиа, доштани малакаи тадқиқи насри бадеӣ ва ковишҳои илмии ӯ дарак медиҳад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар рисола ба тадқиқоти илмии Дилбар Қаюмова «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон», ки соли 2018 ба дифоъ расидааст, танҳо як маротиба ишора шудааст. Ба назари мо, истифодаи густурдатар аз муҳтавою равиши ин пажӯҳиш бар суди рисолаи мавриди назар хоҳад буд.

2. Хулосаи ҳар як боби рисола ба такмилу таҷдид ниёз дошта, муаллиф бо пурратар кардани он доираи ҷустуҷӯҳои илмии худро бештар муаррифӣ намуда метавонад.

3. Дар диссертатсия гоҳо ҷумлаҳои услубан ғалат низ ба назар мерасанд. Мисолҳо: «Х. Асозода дар китоби худ «Таърихи адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» осори Сорбонро холисона дорои руҳи қавӣ, шахсони тавонои таърихӣ, бо таҳкияи айнӣ, равонкавии бадеӣ баҳо додааст» (саҳ.5); «Як нукта низ боиси зикр аст, ки мавқеъ ва мақоми муаллиф дар тамоми осори ӯ гоҳ равшан, гоҳ хира, гоҳ дар баробари қаҳрамонҳо, гоҳ дар алоҳидагӣ намудор мешавад» (саҳ.33); «Сорбон қаҳрамони қавие офаридааст, ки бо ҷисми нозуки дар офтоб сӯхтаву

дар рӯзгор ҷафодида, бо покизагии ахлоқ, иродаи устувор, неруи маънавии фавқулода ва назари гарми ҳаётдӯст намунаи олии инсонпарвариву инсондӯстист» (саҳ.43); «Ин рафтор ба табиати Наъно барин духтар, ки бояд ҳар рафторашро санҷида ба ҷо меовард, мувофиқ нест» (саҳ.169) ва ғайра.

4. Ду гуна навиштани як калима (калимаи вежа ва вижа дар якчанд ҷойи рисола) ва ғалатҳои имлоӣ (муҳаё (саҳ.79), мавзу (саҳ.80) ва ғайра) низ аз шумори камбудиҳои ҷузъии рисола мебошанд.

Шоистаи таъкид аст, ки бартараф намудани эродҳои мазкур ҳусни рисоларо бамаротиб афзуда, таваҷҷуҳи диссертант ба ин нуктаҳо муҷиби такмили тадқиқоти ӯ хоҳад гашт.

Рисолаи илмии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» ба талаботи барои рисолаҳои номзадӣ муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси (10.01.01. – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд** **Мирсаид Баҳром Тоҳир**

**Имзои Мирсаид Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд** **Ҳомидова З.М.**

Суроға: 735700,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
www.asiri.tj; E-mail: somonzod@mail.ru
Тел: 8-3422-6-43-23

23-юми августи соли 2024